Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-126
назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
(Суроға:734025, ш. Душанбе, хиёбони
Рӯдакӣ 17).

ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Сабурзода Фаридуни Мирзоали дар мавзуи "Танзими молиявии рушди иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити муосир" барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050900–Молия (6D050901- Молия, муомилоти пулӣ ва қарз) пешниҳод шудааст.

Дар шароити рушди равандҳои ҷаҳонишавӣ такмили механизмҳои танзими молиявӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба яке аз самтҳои муҳимми сиёсати иқтисодӣ табдил ёфта, барои нигоҳдории устувории иқтисодӣ ва таҳкими мавқеи кишвар дар низоми иқтисодии ҷаҳонӣ замина фароҳам меорад. Дар шароити ҷаҳонишавӣ кишвар бо мушкилоти гуногун, аз қабили ноустувории иқтисодӣ, буҳрони молиявӣ, рақобати байналмилалӣ ва зарурати баланд бардоштани самаранокии истифодаи захираҳои миллӣ рӯ ба рӯ шудааст. Аз ин рӯ, дар шароити густариши равандҳои ҷаҳонишавӣ такмили механизмҳои танзими молиявӣ ба яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати иқтисодии давлатҳои рӯ ба рушд, аз ҷумла Ҷумҳурии Тоҷикистон, мубаддал гардидааст. Зарурати ислоҳ ва такмили ин низом бо мақсади мутобиқ шудан ба тағйироти муҳити иқтисодии ҷаҳонӣ ва таъмини устувории молиявии кишвар боз ҳам бештар аҳаммият пайдо мекунад. Маврид ба зикр аст, ки дар даҳсолаҳои охир ҷаҳон дигаргуниҳои амиқи иқтисодӣ, сиёсӣ ва иҷтимоиро аз сар мегузаронад, ки дар натиҷаи ҷаҳонишавӣ ба вуҷуд омадааст. Ин равандҳо ба тамоми соҳаҳои иқтисодиёт, аз ҷумла ба низоми молиявӣ низ таъсир мерасонанд.

Низоми танзими молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба маҷмуи васеи санадҳои меъёриву ҳуқуқӣ такя намуда, тавассути онҳо рушди бозорҳои молиявӣ, устувории фаъолияти бонкҳо, ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои сармоягузорон ва самаранокии идоракунии захираҳои давлатӣ таъмин карда мешавад. Ҷиҳати такмили санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар соҳаи танзими молиявӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тадбирҳои ҳамаҷониба андешида мешаванд. Тадбирҳои мазкур ба баланд бардоштани сатҳи самаранокии идоракунии давлатӣ, фароҳам овардани муҳити мусоиди сармоягузорӣ ва густариши равандҳои рақамикунонӣ дар низоми молиявӣ равона карда шудаанд.

Аз ин рӯ, мубрамияти мавзуи интихобнамудаи Сабурзода Фаридуни Мирзоали пеш аз ҳама бо зарурати такмили равишҳои танзими молиявӣ ҳамчун яке аз самтҳои калидии таъмини рушди устувори иқтисодӣ, ки бояд қобилияти муқовимат ба таконҳои берунаро дошта бошад муайян мегардад.

Муаллиф қайд менамояд, ки дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон танзими молиявӣ низоми мукаммали чораҳои ҳуқуқӣ, иқтисодӣ, молиявӣ ва маъмуриро дар бар мегирад. Ин низом барои ташаккул, идоракунӣ ва назорати муносибатҳои молиявӣ, инчунин фаъолияти иштирокчиёни бозори молиявӣ равона гардида, ҳадафи асосии он таъмин намудани устуворӣ, самаранокӣ ва тавозуни фаъолияти низоми молиявии кишвар мебошад. Ҳамчунин, муаллиф кушиш намудааст, ки дар расми 1, саҳифаи 18-уми автореферат сохтори модели консептуалии ташаккули низоми танзими молиявиро таҳия ва пешниҳод намояд, ки арзиши илмии рисоларо боз ҳам арзишманд месозад.

Инчунин, муаллиф иброз намудааст, ки дар шароити ҷаҳонишавии бозорҳои молиявӣ ва афзоиши ҳаракати фаромарзии сармоя, нақши мақомоти миллии танзимкунанда дар таъмини суботи иқтисодӣ ва молиявӣ беш аз пеш муҳим мегардад. Сабурзода Фаридуни Мирзоали, кушиш ба харҷ додааст, ки таҳлили нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ ва молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар саҳифаи 22-уми автореферат дар ҷадвали 2 ба роҳ монда муайян намудааст, ки аз тамоюли мусбати рушди онҳо шаҳодат дода, самаранокии нисбии сиёсати танзими молиявӣ ва саҳми онро дар пешбурди рушди иқтисодии кишвар инъикос менамояд.

Сабурзода Фаридуни Мирзоалӣ, дар таҳқиқоти илмии худ дар саҳифаи 26-уми автореферат иброз намудааст, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон танзими молиявӣ дар идоракунии иқтисодиёти давлатӣ ба даст овардани даромади буҷет, назорати таваррум, нигоҳдории устувории пули миллӣ ва ҳавасмандгардонии фаъолияти сармоягузорӣ нақши асосӣ дорад. Дар шароити дигаргунсозиҳои иқтисодиёт гузариш ба муносибатҳои бозорӣ ва барҳӯрдҳои иқтисодии хориҷӣ сиёсати самарабахши молиявӣ ба воситаи муҳимми таъмини амнияти иқтисодӣ ва рушди устувор табдил меёбад. Ҳамчунин, аз ҷониби муаллиф дар саҳифаи 27-уми автореферат дар расми 3 модели консептуалии танзими молиявӣ дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия ва пешниҳод гардидааст, ки бисёр ба маврид ва барои асоснок намудани хулосаҳо ва пешниҳодҳои илмӣ мусоидат намудааст.

Бо вуҷуди муваффақияту комёбиҳои таҳқиқотиим муаллиф, ки дорои арзиши баланди илмӣ мебошанд, як қатор камбудию норасоиҳо низ мушоҳида кардан мумкин аст, ки онҳо арзиши баланди таҳқиқотро коста намегардонанд. Ҳамзамон, бо ислоҳи ин норасоӣ ва камбудиҳои мазкур моҳияти амалию методологии автореферат беҳтар мешавад:

- муаллиф дар саҳифаи 22-уми автореферат, дар ҷадвали 2 нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ ва молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистонро мавриди таҳлил қарор додааст, вале муқоисаи ин нишондиҳандаҳои бо мамлакатҳои дигар анҷом дода нашудааст, лоақал бо баъзе мамлакатҳои Осиёи Марказӣ.

Бояд гуфт, ки камбудиҳои зикргардида ба мазмуну муҳтавои автореферат таъсири ҷиддӣ намерасонанд ва дараҷаи илмии онро коста намекунанд.

Рисолаи илмӣ-таҳқиқотии Сабурзода Фаридуни Мирзоали дар мавзуи «Танзими молиявии рушди иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити муосир» дар сатҳи зарурии илмӣ омода гардида, аз ҷиҳати мазмун ба талаботи Низомномаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050900–Молия (6D050901- Молия, муомилоти пулӣ ва қарз) мебошад.

Тақриздиҳанда:
номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти
кафедраи молия, фаъолияти бонкӣ
ва суғуртаи Донишгоҳи давлатии
тиҷорати Тоҷикистон **Дустматов Б.М.**

Имзои Дустматов Б.М. – ро тасдиқ менамоям:

Сардори раёсати кадрҳо ва
корҳои махсуси Донишгоҳи
давлатии тиҷорати Тоҷикистон **Пирзода С.С.**

ШУЪБАИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС
ОТДЕЛ КАДРОВ И СПЕЦИАЛЬНЫХ РАБОТ

Суроға: 734061, ш. Душанбе, кӯч. Деҳотӣ 1/2, тел./факс +992(37) 234-83-46, +992(37) 234-85-46, www.tguk.tj, tguk2025@gmail.com

«16» 11 2026 с.